**Бо қарори мушовараи
Вазорати маорифи
Ҷумҳурии Тоҷикистон
аз «____» «____» с. 2013
тасдиқ шудааст.**

# НИЗОМНОМАИ МУАССИСАИ ДАВЛАТИИ «МАРКАЗИ ҶУМҲУРИЯВИИ РАҲНАМОИИ КАСБӢ ВА РУШДИ ТАҲСИЛОТИ КАСБӢ»

**Душанбе - 2013**

## 1. Муқаррароти умумӣ

1. Муассисаи давлатии «Маркази ҷумҳуриявии раҳнамоии касбӣ ва рушди таҳсилоти касбӣ» (минбаъд Марказ) дар назди вазорати маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон мутобиқи қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 06. 12. с. 2012 №716 таъсис дода шуда, раҳнамоии касбӣ, таълим, бозомӯзӣ ва сертификаткунонии захираҳои меҳнатиро амалӣ менамояд.

Номи пурраи Марказ бо забони тоҷикӣ: Муассисаи давлатии «Маркази ҷумҳуриявии раҳнамоии касбӣ ва рушди таҳсилоти касбӣ»;

Бо забони русӣ: Государственное учреждение «Республиканский Центр профессиональной ориентации и развития профессионального образования»;

Номи кӯтоҳшуда бо забони точики «Марказ»;

Бо забони русӣ «Центр»;

2. Дар фаъолияти худ Марказ Конститутсия (Сарқонун)-и Ҷумҳурии Тоҷикистон, қонунҳои конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон», санадҳои меъёрии ҳуқуқии байналмилалие, ки онҳоро Ҷумҳурии Тоҷикистон эътироф менамояд ва Низомномаи мазкурро ба роҳбарӣ мегирад.

3. Марказ шахси ҳуқуқӣ ба ҳисоб рафта, дорои молу мулк бо идораи оперативӣ, ҳисобҳои арзӣ, мӯҳр, штамп, бланкаи соҳавӣ, баланс ва сметаи мустақил дар шакли пули миллӣ ва пули дигар кишварҳо буда, метавонад аз номи худ шартнома бандад, моликият ба даст орад, дар суд ба ҳайси даъвогар ва ҷавобгар баромад кунад.

4. Марказ фаъолияти худро дар ҳамкорӣ бо ташкилотҳои байналмилалӣ, мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатӣ, ташкилотҳои ҷамъиятӣ, дигар ташкилотҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон ва давлатҳои хориҷӣ дар асоси фаъолияти оинномавӣ амалӣ намуда, дар суроғаи Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри  Душанбе, кӯчаи Борбад 42 воқеъ аст.

## 2. Мақсад ва вазифаҳои Марказ

5. Мақсади асосии Марказ:

-мусоидат намудан ба шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба раҳнамоии касбӣ, тайёрии касбии босифат, бозомӯзии тахассусӣ ва сертификаткунонӣ аз рӯи ихтисосҳо (касбҳо);

-кӯмак ба шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷиҳати бо кор таъминкунӣ дар ҳудуди ҷумҳурӣ ва берун аз он.

6.Вазифаҳои асосии Марказ:

-фаъолияти бомаърифат дар соҳаи раҳнамои касбӣ, омодагии касбӣ, бозомӯзӣ, такмили ихтисос ва сертификаткунонӣ;

-таҳияи тарзу усул ва воситаҳои раҳнамои касбӣ, омодагии касбӣ, бозомӯзӣ, такмили ихтисос ва сертификаткунонӣ;

-дар амал ҷорӣ намудани шакл ва усулҳои нави ташкили таҳсилоти касбӣ ва маърифатнокӣ;

-мутобиқати ёбарномаҳои таълимии раҳнамоии касбӣ, тайёрӣ ва бозомӯзии шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон ва амалӣ намудани онҳо;

- бо мақсади муайян намудани дараҷаи дониш, малака ва қобилияти корӣ, коршоямӣ ё ин ки малакаи фаъолият (касб)-и пештараи гумшуда, гузаронидани саволнома, санҷиши тестӣ ва сертификаткунонии нафароне, ки муроҷиат менамоянд. Расонидани кӯмаки машваратӣ ҷиҳати бо кор таъмин шудан дар ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон ва берун аз он, инчунин зарурати дар муассисаҳои таълимӣ гузаштан аз тайёрии касбӣ, бозомӯзии дигар ихтисосҳо, баланд бардоштани дараҷаи касбияти онҳо;

-таҳияи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ, барномаю дастурҳо дар соҳаи раҳнамоии касбӣ, омодагии касбӣ, бозомӯзӣ, такмили ихтисос ва сертификаткунонӣ;

-таъсиси марказҳои захиравии махсусгардонидашудаи мусоидаткунанда ба дастрасии умумии иттилоотӣ, марказҳои моддӣ–техникӣ, илмӣ-методӣ ва таълимию лабораторӣ бо мақсади ба даст овардани натиҷаҳои босифати таълим;

-таъминоти захиравии дараҷаи нави босифати таҳсилоти ибтидоӣ ва миёнаи касбӣ барои аз худ кардани технологияи муосири таълимию истеҳсолӣ дар шароити дастрасии васеъ;

-таъмин ва пешниҳоди заминаи моддӣ - техникӣ барои гузаронидани сертификатсияи тахассусии хатмкунандагони Марказ;

-гузаронидани такмили ихтисоси устоҳои таълими истеҳсолӣ ва муаллимони муассисаҳои раҳнамоии касбӣ;

-ташкил ва гузаронидани курсҳои кӯтоҳмуддати махсусгардонидашуда барои омода намудани касбҳои коргарӣ бо додани диплом ва сертификат;

-ташкил ва гузаронидани курсҳои омӯзиши забонҳои хориҷӣ бо додани сертификати дар дигар кишварҳо эътирофшаванда;

-амалӣ намудани барномаҳои таълимии иловагӣ ва дигар хизматрасониҳои таълимӣ дар самти таҳсилоти касбӣ;

-ҳамкорӣ бо ташкилотҳои байналхалқӣ, мақомоти давлатии хадамоти муҳоҷирати Ҷумҳурии Тоҷикистон, давлати хориҷӣ ва мақомоти шуғли аҳолӣ оид ба омодагӣ, бозомӯзӣ ва баланд бардоштани тайёрии касбии шаҳрвандон бо мақсади мусоидат намудан ҷиҳати бо ҷои кор таъмин шудан дар ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон ва берун аз он;

-барқарор намудани муносибатҳои шартномавӣ ва ҳамкорӣ, фаъолияти якҷояи самаранок бо корхонаҳо-корфармоён, корфармоёни пуриқтидор, агентиҳои кадрӣ ва ташкилотҳои ҷамъиятӣ;

-бо мақсади ҷамъбасти талаботи корфармоён ҷиҳати босифат тайёр кардани хатмкунандагон ва мусоидати барномаҳои таълимӣ ба тамоюли рушди бозорҳои минтақавии касбу ихтисосҳо, гузаронидани тадқиқоти маркетингии бозори меҳнат аз рӯи касбу ихтисосҳо;

-чопи маводи иттилоотӣ ва гузаронидани чорабиниҳо, аз қабили ярмаркаи ҷойҳои кории холӣ, ҷиҳати бо ҷои кор таъмин намудани хатмкунандагон тибқи талаботи бозори меҳнат;

-хизматрасонии иттилоотӣ ва консалтингии пулакии технологияҳои таълимӣ ва истеҳсолӣ ба шахсони ҳуқуқӣ ва инфиродӣ (шаҳрвандон, муассисаҳои таълимии касбӣ, ҳайати кормандон ва сохторҳои дохилифирмавии омодагии бахши воқеии иқтисодиёт);

-расонидани ёрӣ ба шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон ва иттилоотикунонии онҳо оид ба кор дар хориҷа, инчунин ба онҳо додани машварат оид ба масъалаҳои таълим дар доираи барномаҳои азхуднамудаи онҳо дар кишвари дигар: забон, маданият ва қонунгузории давлати хориҷӣ;

-иштирок дар лоиҳаҳои байналхалқии соҳаи маориф ва муҳоҷирати меҳнатӣ;

-кушонидани намояндагӣ ва филиалҳо дар ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон ва берун аз он;

-таъсиси корхонаҳои якҷоя барои иҷрои вазифаҳои мақсадноки Марказ (ташкили фаъолияти таълимӣ-истеҳсолӣ ва бо кор таъминшавӣ);

- таъсиси корхонаҳои хурди соҳаҳои гуогуни иқтисодӣ ва шакли гуногуни фаъолият барои ичрои вазифаҳои мақсадноки Марказ (ташкили фаъолияти таълимӣ-истеҳсолӣ ва бо кор таъминшавӣ);

-таъсиси паркҳои техникӣ ва хоҷагиҳои ёрирасон;

-таъсиси васоити чопӣ ва электронии ахбори умум, ташкили фаъолияти типографияи худ;

-ташвиқи тарзи ҳаёти солим ва баланд бардоштани қобилияти кории одамон;

-гузаронидани вохӯрӣ, мизҳои мудаввар, конференсия ва семинарҳо бо назардошти мақсад ва вазифаҳои Марказ;

-дигар намуди фаъолият, ки барои ҳалли вазифаҳои оинномавии Марказ равона шудаанд ва ба қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон мухолифат намекунанд.

7.Марказ манбаи маълумотро таъмин мекунад бо:

-муассисаҳои таълимие, ки бо Марказ дар бораи ҳамкорӣ шартнома бастаанд;

-шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки барои расонидани кӯмак дар самти раҳнамоии касбӣ, омодагии касбӣ, бозомӯзӣ, такмили ихтисос ва аз рӯи ихтисос (касб)-ҳо ба Марказ муроҷиат кардаанд;

-ҷойҳои кории озод ва вазифаҳои холӣ дар ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон ва берун аз он:

-додани диплом ва сертификат

## 3. Ваколатҳои Марказ

8. Барои амалӣ намудани мақсад ва вазифаҳои худ Марказ ҳуқуқ дорад ба:

-муайян кардани муассисаҳои таълимии Ҷумҳурии Точикистон, ки мутахассисонро аз рӯи талабот ба касбу ихтисосҳо омода мекунанд ва бастани шартнома бо онҳо ҷиҳати ҳамкорӣ дар самти омодагии касбӣ, бозомӯзӣ, такмили ихтисос ва сертификаткунонии шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон;

-аз санҷиши тестӣ гузаронидани шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон мутобиқ ба талабот, дараҷаи касбият ва тахассуси онҳо;

-ҷамъоварӣ намудани маълумот дар бораи он шаҳрвандоне, ки ба раҳнамоии касбӣ, омодагии касбӣ, бозомӯзӣ, такмили ихтисос ва сертификаткунонӣ ниёз доранд;

-машғул шудан ба тайёрии касбӣ, бозомӯзӣ, такмили ихтисос ва сертификаткунонии шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон;

-расонидани хизматҳои таълимии ғайриройгон аз рӯи тартиби муқаррарнамудаи қонунгузорӣ;

-амалӣ намудани омӯзиши таҷриба дар соҳаи раҳнамоии касбӣ, тайёрии касбӣ, бозомӯзӣ, такмили ихтисос ва сертификаткунонӣ бо ташкилотҳои ватанӣ, хориҷӣ ва ходимони илмию ҷамъиятӣ;

-гузаронидани санҷиши инспектории фаъолияти муассисаҳои таълимие, ки бо онҳо оид ба раҳнамоии касбӣ, тайёрии касбӣ, бозомӯзӣ, такмили ихтисос ва сертификаткунонии шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон шартнома баста шудааст;

-аз ташкилотҳои давлатӣ, дигар ташкилотҳо ва шахсони ҳуқуқӣ дар доираи талаботи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дархост кардан ва ба даст овардани ҳуҷҷатҳои зарурӣ барои татбиқи фаъолияти худ;

-баргузор намудани корҳои илмӣ-тадқиқотӣ дар соҳаи раҳнамоии касбӣ, тайёрии касбӣ, бозомӯзӣ ;

-паҳн намудани иттилоот ва маводи илмию методӣ, таклифу пешниҳод ба санадҳои меъёрии ҳуқуқии раҳнамоии касбӣ, тайёрии касбӣ, бозомӯзӣ ва сертификаткунонии кадрҳо;

-дар доираи тартиботи муқарраргардида амалӣ намудани ҳамкорӣ бо ташкилотҳои миллӣ, байналхалқӣ ва хориҷие, ки дар самти раҳнамоии касбӣ, тайёрии касбӣ, бозомӯзӣ ва сертификаткунонӣ фаъолият мекунанд, иштирок дар омода намудани лоиҳаҳои созишнома ва шартномаҳои байналхалқӣ дар самти раҳнамоии касбӣ, тайёрии касбӣ, бозомӯзӣ , барқарор ва рушди муносибат бо чунин лоиҳаҳои дигар давлатҳо, иштирок дар кори ташкилотҳои байналхалқӣ;

-ҷалби сарчашмаҳо барои маблағгузории фаъолият ва барномаҳои худ;

-гузаронидани аксия ва чорабиниҳои хайриявӣ;

-ташкил ва гузаронидани конференсияҳо, семинарҳо дар ҳудуди ҷумҳурӣ ва берун аз он;

-ба роҳ мондани фаъолияти иттилоотию нашриявӣ, маблағгузорӣ ва ташкили истеҳсолот, пахн намудани сурат ва дигар маводи истеҳсолӣ мутобиқ ба мақсад ва вазифаҳои Марказ;

-ба роҳ мондани корҳои фаҳмондадиҳӣ.

9. Барои амалӣ намудани мақсад ва вазифаҳои худ Марказ ӯҳдадор аст:

-ба аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи ҷойҳои холии корӣ ва вазифаҳои воҳидӣ дар ҳудуди ҷумҳурӣ ва берун аз он иттилоот диҳад;

-иштирок дар таҳияи барнома ва нақшаҳои таълимии раҳнамоии касбӣ, тайёрии касбӣ, бозомӯзӣ, такмили ихтисос ва сертификаткунонии шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон;

-ташкили раҳнамоии касбӣ, тайёрии касбӣ, бозомӯзӣ, такмили ихтисос ва сертификаткунонии ба шаҳрвандоне,ки муроҷиат мекунанд ;

-дар доираи қонунгузории ҷорӣ ташкил кардани курсҳои омӯзишӣ, лексияҳо, семинар ва дарсҳои амалӣ барои шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон ва шаҳрвандони хориҷӣ;

-гузаронидани корҳои ба фаъолияти ҳамоҳангсозӣ равоншудаи раҳнамоии касбӣ, тайёрии касбӣ, бозомӯзӣ ва кадрҳо;

-расонидани кӯмак ба шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷиҳати пайдо намудани ҷойҳои холии корӣ ва вазифаҳои воҳидӣ дар ҳудуди ҷумҳурӣ ва берун аз он;

-иштирок дар таҳияи лоиҳаи қонунҳо, санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ оид ба масъалаҳои раҳнамоии касбӣ, тайёрии касбӣ, бозомӯзии шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон;

-дар ҳамкорӣ бо вазорату идораҳои дахлдор таҳия ва амалӣ намудани сиёсати давлатӣ ва омодагии барномаҳои амалкунанда оид ба масъалаҳои раҳнамоии касбӣ, тайёрии касбӣ, бозомӯзӣ ва сертификаткунонӣ, инчунин иштирок дар амалӣ намудани онҳо;

-пешниҳоди тағйироту иловаҳо ба қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки ба рушду инкишофи раҳнамоии касбӣ, тайёрии касбӣ, бозомӯзӣ ва сертификаткунонӣ мусоидат мекунанд;

-тасдиқ кардани ҳуҷҷатҳои меъёрӣ ва меъёрию методие, ки ба салоҳияти Марказ тааллуқ доранд;

-мусоидат ба ташаккули бозори меҳнат дар ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон.

Марказ инчунин метавонад дигар шаклҳои фаъолиятро, ки дар Оинномa вобаста ба мақсаду фаъолияти Марказ дарҷ шудаанд ва қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон онҳоро манъ накардааст, амалӣ намояд.

## 4. Сохтор ва идораи Марказ

10. Сохтори Марказ (Замима)

11. Идораи Марказ

Марказро директор, ки аз ҷониби Вазири маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон ба кор таъйин ва аз кор озод карда мешавад, роҳбарӣ менамояд. Директор роҳбарии Марказро дар асоси яккароҳбарӣ ба роҳ монда, барои иҷрои вазифа ва уҳдадориҳои Марказ ҷавобгар аст.

Муовини аввал ва муовини директор аз ҷониби директори Марказ дар мувофиқа бо вазири маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон ба кор таъйин ва аз кор озод карда мешаванд.

Муовини аввал ҳуқуқи имзо кардани ҳуҷҷатҳоро бе гирифтани ваколатнома дорад.

Муовинони директор фаъолияти муассисаҳои зерсохтори ба онҳо алоқамандро идора мекунанд ва барои кори босифати он ҷавобгарии маъмурӣ доранд.

12. Директори Марказ:

-дар асоси сохтор ҷадвали воҳидҳои корӣ ва дастурҳои вазифавии кормандони Марказро дар доираи миқдори ҷойҳои кории мавҷуда тасдиқ менамояд;

-кормандони Марказро ба кор таъйин ва аз кор озод мекунад;

-барои иҷрои вазифаҳо ва уҳдадориҳои Марказ ҷавобгар буда, вазифаҳои муовинони директор ва роҳбарони сохтории муассисаҳои тобеъро ба тартиб медарорад;

-бе ваколатнома аз номи Марказ баромад мекунад, манфиатҳои онро дар муносибат бо ташкилотҳои давлатӣ, дигар ташкилотҳо ва шахсони ҳуқуқӣ, инчунин бо мақомот ва ташкилотҳои давлатҳои хориҷӣ ва ташкилотҳои байналхалқӣ намояндагӣ мекунад;

-аз номи Марказ созишномаҳо мебандад;

-дар доираи салоҳияти худ фармоишҳоеро таҳия мекунад, ки иҷрои онҳо барои кормандони Марказ ҳатмиянд;

-дигар уҳдадориҳоро дар асоси Оинннома ва талаботи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон амалӣ мекунад.

## 5. Амвол ва фаъолияти молиявию хоҷагидорӣ

13. Маблағгузории Марказ аз ҳисоби маблағҳои буҷавии ҷумҳуриявӣ ва дигар сарчашмаҳое, ки тибқи қонунгузорӣ манъ нашудаанд, амалӣ карда мешавад.

14. Сарчашмаҳои ташаккули амволи Марказ дар шакли пулӣ ва дигар шаклҳо инҳоянд:

-буҷаи Ҷумҳурии Тоҷикистон;

-амволи аз ҷониби Вазорати маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон барои фаъолияти Марказ ҷудошуда;

-даромад аз фаъолияти хизматрасонӣ ва маводи истеҳсолӣ;

-даромадҳои мақсаднок, пардохтҳои якдафъаина, пардохтҳои пулӣ ва амволи хайриявӣ;

-даромад аз чорабиниҳое, ки Марказ мегузаронад;

-дигар даромадҳое, ки қонунгузорӣ манъ накардааст.

15. Даромад аз тамоми намудҳои фаъолияти Марказ барои амалӣ намудани мақсад ва вазифаҳои оинномавии он истифода бурда мешаванд.

16. Марказ мустаъқилона тартиби сарфи даромадҳои худро тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Низомномаи мазкур муайян менамояд.

## 6. Ҳисобот, банақшагирӣ ва қатъ кардани фаъолият

17. Марказ ҳисоботи муҳосибавӣ, омориро ва банақшагириро омода ва тибқи тартиботи ҷорӣ пешниҳод, инчунин маблағҳои андоз ва дигар маблағҳоро тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон пардохт менамояд.

18. Азнавтаъсисдиҳӣ ва қатъ гардидани фаъолияти Марказ тибқи тартиби муқаррарнамудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон сурат мегирад.